«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди
Маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика ва математика,
дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
«20» сентябри соли 2024

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он " барои дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Гулмаҳмадов Салоҳиддин санаи 20–уми декабри соли 1955 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби миёна соли1974 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ, факултети математика дохил шуда, онро соли 1978 хатм намудааст.

Гулмаҳмадов С. фаъолияти меҳнатиро соли 1978 дар мактаби зодгоҳ оғоз намуда, аз соли 2005 то соли 2020 дар Литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2020 дар Колеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, аз соли 2021 то инҷониб дар МДТ Литсейи № 4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе кор ва фаъолият намудааст.

Гулмаҳмадов С. солҳои 2014–2021 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ– педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият намуда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафа – 4(хуб), Забони англисӣ–4 (хуб), Педагогика – ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, академик Каримова Ирина Холовна.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддинро бо иштироки муқарризони расмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Ф, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Қурбонов С. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", хулосаи роҳбари илмии унвойҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, академик Каримова Ирина Холовна ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат менамояд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 нигаронида шудааст. Аз ҳамин дидгоҳ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин, ки дар таълиму тарбияи иқтисодии насли наврас саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Унвонҷӯй Гулмаҳмадов Салоҳиддин оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ – омоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба таълими муттасилии иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоди худро нисбат ба таҳққоти Гулмаҳмадов С. иброз намуданд.

Муқарризи расмӣ-доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Ф, аз ҷумла қайд намуд, ки таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей–донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир буда, зарурати ба роҳ мондани таълими иқтисодиро дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ менамояд. Дар шароити муосир баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори меҳнат муҳиммияти хоса пайдо намудааст, ки мақсади он навсозии дастурҳои методӣ ва ба танзим даровардани хароҷоти таълим мебошад. Объекти таҳқиқоти диссертатсия баррасии ҷараёни муттасилии таълим дар фаъолияти кормандони литсей ва муассисаҳои олии касбиро дар бар мегирад.

Ташкили муттасилии таълим дар байни литсейҳо ва муасисаҳои олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки барои зина ба зина дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда мусоидат менамояд. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳуми " раванди муттасилии таълими фанни иқтисодиёт"-ро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самараноки истифодаи онро пешниҳод намудааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи дониши донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пениҳод карда шавад.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ, Қурбонов С. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷуйро баррасии раванди муносибати хонандаю донишҷӯ ба илм, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва самарабахшии он дар шароити муосир ташкил додааст ва дар натиҷа онҳо барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ таҷрибадор мегарданд. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Қурбонов С. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Гулмаҳмадов Салоҳиддин имкон медиҳад, дар асоси муносибатҳои ҳадафмандона ба таълим масъалаи ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши иқтисод зиёд гардида, тайёрии онҳо ба эҷодиёт, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд мегардад.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди омодагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърӯзаю баромадҳо оид ба ба раванди роҳандозии таҳсилоти муттасил истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Гулмаҳмадов С. барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар он собит карда мешавад, ки дар шароити муосир масъалаҳои мутобиқшавии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба талаботи замон, ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таълиму тарбияи мақсаднок ва иштироки донишҷӯён дарсҳо дар ҷойи аввал меистад.

Новобата аз ин, дар ҷумҳурӣ то ба имрӯз дар ҷумҳурӣ дар таҷриба ва амалия ба асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла фанҳои иқтисодиёт дар муассисаҳои олии касбии Тоҷикистон ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи махсус

зоҳир карда нашудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши муттасилии таълими иқтисодӣ дар зинаҳои литсей – донишгоҳ як силсила масъалаҳо норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамояд.

Довталаб зимни таҳқиқоти муттасилии таълими иқтисодиро дар фаъолияти литсей ва муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст, аз ҷумла,

- адабиёти педагогӣ ва психологии муайян намудани моҳият ва мазмуни таълими иқтисодӣ дар муттасилии фаъолияти литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил кардааст;
- ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгор ва донишҷӯи ояндаро барои гирифтани таҳсилоти иқтисодӣ муайян намудааст;
- ташкил намудани меъёрҳои ягонаи баҳогузории дониш ва малакаи донишҷӯёнро дар литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кардааст;
- зимни озмоишҳои педагогӣ самаранокии амсилаи мураттабшуда ва барномаи коркардшударо бобати мазмуни таълими иқтисодӣ санҷидааст;
- тавсияҳои методиро барои муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати самаранок омода намудани мазмуни таълими иқтисодӣ пешниҳод намудааст.
- Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:
- ба муттасилии таълими иқтисодӣ ва моҳияту мундариҷаи он дар фаъолияти литсей - донишгоҳ саҳеҳият ворид карда, сохтори онро ҳамчун шакли ташкили мураккаби иборат аз ҷузъҳои гуногун, мушаххас кардааст;
- Ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими иқтисодӣ ва зинаҳои инкишофи он муайян намудааст;
- Шароитҳои ташкилӣ - педагогии ташаккули омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими иқтисодӣ дақиқ кардааст.

Амсила ва барномаи ташаккули омодагии хонанда ва донишҷӯро ба омӯзиши иқтисодиёт таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён мавриди татбиқ қарор намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии муттасилии таълими иқтисодӣ ва моҳияту мундариҷаи он дар фаъолияти зинаҳои литсей-донишгоҳ санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими иқтисодиёт ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷу пурра мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмиии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиясинамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

[1-М] Гулмахмадов С., Преподавание экономики в современной школе [Матн] / С. Гулмахмадов // Вестник Таджикского национального университета, сер. Естественных наук, - Душанбе: Сино, - 2017. – №3/3. – С. 184-187.

[2- М] Гулмахмадов С., Каримова И. Х. Способы организации контроля за качеством успеваемости учащихся общеобразовательных школ [Матн] / С. Гулмахмадов, И. Х. Каримова // Вестник Таджикского национального университета, сер. Естественных наук, - Душанбе: Сино, - 2017. – №3/7. Ч.П.– С. 188-190.

[3-М] Гулмахмадов С., Раджабов У. Х. Самостоятельная деятельность учащихся, направленное на экономическое образование, обеспечиваюшая преемственность “школа - вуз” [Матн] / С. Гулмахмадов, У. Х. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета, сер. Естественных наук, - Душанбе: Сино, - 2019. – №6. – С. 286-291.

[4-М] Гулмахмадов С., Раджабов У. Х. Экономическое образование школӣников при изучении математики и физики обеспечиваюҳее преемственностӣ их деятельностӣ и вузе.

[5-М] Гулмаҳмадов С., Истифодаи осори иқтисодии мутафаккирони тоҷику форс дар раванди таълими муттасили байни литсей ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ / С. Гулмаҳмадов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №2 (39), - 2021. – С. 117 - 123. ( Использование экономических трудов таджикско-персидских мыслителей в процессе непрерывного образования между лицеем и высшим профессиональным учебным

заведением / С. Гулмахмадов // Вестник Академии образования Таджикистана).

[6-М] Гулмаҳмадов С., Муаррифии дастовардҳои иқтисодии замони истиқлолият дар дарси асосҳои иқтисодиёт (аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 21.12.2021 [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2022. – №1. – (Презентация экономических достижений периода независимости на уроке основ экономики в Послании Президента Республики Таджикистан Вестник Академии образования Таджикистана).

б) Мақола ва маводи дар нашрияҳои дигар батабърасида:

[7-М] Гулмахмадов С., Раджабов У. Х. Экономическое образование школьников при изучении математики и физики, обеспечивающее преемственность их деятельности и в вузе [Матн] / С. Гулмахмадов, У. Х. Раджабов // Материалы республиканской научно – практической конференции “Современные проблемы развития естественно – математических наук в Республике Таджикистан” Душанбе: ТГПУ им. С. Айни, - 2019. – С. 196-199.

[8-М] Гулмаҳмадов С., Меомӯзем, то биомӯзонем. Андешаҳо атрофи таълими фанни геометрия [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №04, - 2021. – С. 4. (Мы учимся учиться. Размышления об обучении геометрии. Еженедельник “Омӯзгор” (Учитель))

[9-М] Гулмаҳмадов С., Чайнворди математикӣ [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №4, - 2021. – С. 7. (Математический чайнворд. Еженедельник “Омӯзгор” (Учитель)).

[10-М] Гулмаҳмадов С., Тарзи ташкилу баргузории санҷишҳои доҳилии муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Маҷаллаи “Масъалаҳои маориф”, - №4, - 2015. – С. 90 - 97. (Способ организации и проведения внутреннего тестирования образовательных учреждений и анализа деятельности преподавателей и учащихся [Текст] / С. Гулмахмадов // Журнал «Вопросы образования»)

[11-М] Гулмахмадов С., Султонов М. Савол ва масъалаҳои мантиқӣ [Матн] / воситаи таълимии ёрирасон, - 2015. – 60 с. С. Гулмахмадов, М. Султонов, (Логические вопросы и задачи. Вспомогательные средства обучения)

[12-М] Гулмахмадов С., Ниёзбекова Г. А., Мирзоева С. Р. Взаимосвязь организации игровых технологий на уроках информатики и русского языка [Матн] / С. Гулмахмадов, Г. А. Ниёзбекова, С. Р. Мирзоева, Научно – практическая конференция “Применение инновационных технологий в преподавании математических дисциплин в школе и в вузе”, - Борисоглебск,

БФ ФГБОУ ВПО “Воронежский государственный университет”, - 2015. – С. 29 – 34.

[13-М] Гулмаҳмадов С., Ниёзбекова Г, Абдуллоева Л. Озмуну мусобиқаҳои беруназсинфӣ омили беҳтар намудани савияи дониши хонандагон [Матн] / С. Гулмаҳмадов, Г, Ниёзбекова, Л. Абдуллоева, - 2016. – 17с. (Внеклассные олимпиады – фактор повышения уровня знаний учащихся).

[14-М] Гулмаҳмадов С., Абдураҳмонова М. Бозиҳои математикӣ ва ҷанбаи математикидошта бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Аҳаммияти онҳо дар ташаккули фикрронии хонандагон. [Матн] / С. Гулмаҳмадов, конференсияи илмӣ– амалӣ дар мавзуи “Мушкилоти муосири рушди илмҳои табиӣ – риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, - 2019, - 20с. (Математические игры и игры с математической составляющей с учениками младших классов. Их значение в формировании мышления учаҳихся [Текст] / С. Гулмахмадов, научно-практическая конференция на тему «Современные проблемы развития естественных и математических наук в Республике Таджикистан»).

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, литсейи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ба номи Муҳаммад Осимӣ, Литсейи № 4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ, назарияҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои амалкунандаи омӯзгорони ноҳияи Фирдавсӣ, дар Шурои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар конференсияи илмӣ–амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ироа, баррасӣ ва тасвиб шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба мавзуъ дар пажӯҳиши мукаммали таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, дар гирдоварӣ ва таҳлили маводҳои илмӣ; дар истифода ва омӯхтани усул ва методҳои ба мавзуъ алоқаманд, дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва мушоҳидавии машғулиятҳо тартиб додани ҷадвалҳо оиди

нишондиҳандагони таълимгирандагон, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, дар пешниҳод намудани мақолаҳо ба чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ва таҳияи диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар шароити муосири рушди устувори иқтисодии кишвар муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

1. Бори аввал роҳандозии раванди муттасилии таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилоти байни литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ мегардад;

2. Пешниҳодҳо ҷиҳати таълими муттасилии иқтисодии донишҷӯён дар системаи “литсей - донишгоҳ” тартиб дода шудаанд;

3.Мақолаҳои илмию методӣ ба нашр расонида шуданд, ки дар онҳо бо истифода аз тадқиқотҳои олимони дохилу хориҷи кишвар муттасилии таълим баррасӣ карда шудаанд;

4. Бо амалӣ гардидани муқаррароти рисола ҳамкориҳои ду муассисаи таълимӣ дар омода намудани муттахассисони ботаҷрибаи донишу маҳорати баланди касбидошта ба роҳ монда мешавад;

5. Меъёрҳои баҳодиҳои дараҷаи дониши хонандагону донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасилӣ дар зинаҳои таҳсилот муқаррар гардидаанд, ки аз рӯйи онҳо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, фаъолнокӣ, суръати донишазхудкунӣ, дурустии амалҳои иҷрошуда, маълумоти пурра додани донишҷӯ, маҳорати иҷрои кор ба инобат гирифта мешаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки минбаъд самаранокии таълим дар ҳар зинаи таҳсилот ба таври шаффоф муайян карда шуда, оиди бартараф кунонидани норасоиҳои мавҷуда бо иштироки мутахассисони дар раванди “литсей – донишгоҳ” фаъолиятдошта нақшаҳои корӣ тартиб дода мешаванд.

Дар фаъолияти таълимӣ ва методӣ дар заминаи муттасилӣ метавон корҳои зеринро амалӣ сохт:

– Қабл аз оғози машғулиятҳо дар семинарҳои машваратии мутахассисони муассисаҳои таълимии ба низоми мавҷуда фаъолиятдошта тартиб додан ва муаррифии барномаҳои нави таълимӣ;

– Ташкили такмили ихтисоси муаллимони литсей тавассути таҷрибаомӯзӣ дар шуъбаҳои донишгоҳ; гузариши зина ба зина аз литсей ба усули дарсҳои назариявӣ ва амалии таълим дар мактабҳои олӣ;

– Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, дарсҳои кушод, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва технологияи муосир, ташкили корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ бо донишҷӯён;

– Муайян намудани меъёрҳои ягонаи баҳогузории дониш ва малакаи донишҷӯён дар ҳар ду муассисаҳои таълимӣ.

**Аҳаммияти амалии татқиқот:** Натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзгорон метавонанд дар амалӣ сохтани тадбирҳои зерин истифода баранд:

– дар таълими фанни иқтисодиёт;

– дар ташкили ҳамкории байни омӯзгорони зинаҳои таҳсилот бо риояи муттасилии таълим;

– дар истифода бурдани роҳу усулҳои пешниҳодгардида ҷиҳати самаранок гузаронидани дарсҳо;

– дар таҳияи дастурҳои методӣ, воситаҳои таълими ёрирасон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ дар таҳсилоти иқтисодӣ.

Натиҷаи омӯзиш метавонанд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию педагогӣ барои унвонҷӯён ва докторантон барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат намояд. Натиҷаҳои кор барои омӯзгорони фанни иқтисодиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) дастури зарурӣ хоҳад буд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот ҳамчун дастури методӣ истифода хоҳад шуд.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмаҳмадов Салоҳиддинро дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои Литсей–Донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он ” баррасӣ намуда, бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорони ҷаласаи васеи семинари илмӣ – методӣ қарор кард:

1.Диссертатсияи илмии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасилии иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташуда ноил шудааст, кори илмии ба анҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2.Диссертатсияи илмии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасилии иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

3.Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасилии иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” барои ҳимоя ба шурои муштараки диссертатсионии 6D. КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 19-уми сентябри соли 2024, протоколи №09 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар, аз он ҷумла, 2 нафар аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунанд, иштирок карданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”- 17 нафар, “Зид” – нест, “Бетараф” – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ П. Лутфуллоева

Котиби ҷаласа, доктори илмҳои физика-
математика, мудири шуъбаи фанҳои
табиӣ-риёзӣ ва технологияи иттилоотии
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Х. Ш. Ҷураев

Маълумот барои тамос:
суроға: Ҷ.Т., ш.Душанбе, куч.А. Адҳамов, 11/2;
Тел: 2272545 Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои П. Лутфуллоева ва Х.Ш.Ҷураевро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.